# ХУЛОСАИ
## Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № _____
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 27 январи соли 2024, таҳти №44.

Бораи сазовор донистани Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ дар таърихи 13.11.2024 сол, суратмаҷлиси №37 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети хуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович 24-уми майи соли 1976 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Номбурда соли 2001 ба шуъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2007 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст. Фаъолияти омӯзгориашро бошад, аз моҳи сентябри соли 2012-ум ба ҳайси омӯзгори калон, дар кафедраи фанҳои давлатию-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон оғоз намудааст. Аз моҳи октябри соли 2022 то ба ҳол, ба ҳайси сардори шуъбаи корҳои тарбиявӣ ва сиёсати ҷавонон, дар Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон кор ва фаъолият намуда истодааст.

Аз 02-юми декабри соли 2014 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи фанҳои давлатию-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ҳимояшаванда ба тариқи буҷавӣ қабул гардидааст (бо фармоиши ректори ДСРТ аз 02.12.2014, таҳти №134).

Диссертатсия дар кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Элназаров Давлатшо Хоҷаевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**Зоир Ҷурахон Маҷидзода** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Бобоев Анварбек Хоҷаевич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар муовини сардори факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Бобоназарзода Ф.Ш. омода гардида, аз ҷониби раиси семенари васеи илмӣ-назариявӣ, сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Каримзода У.К. ва котиби ҷаласа, сардори кабинети кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия Қурбонзода Ҷ.Ғ. имзо ва аз ҷониби сардори Академияи ВКД Ҷуҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Ф.Р. санаи 06.01.2024 сол тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия маҳсули меҳнати муаллиф ба ҳисоб меравад, ки мустақилона омода карда шудааст, мазмун ва мантиқи ягонаи дохилиро соҳиб мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 17 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

1. Хакимов, М.К. Некоторые особенности законодательного обеспечения национальной безопасности Республики Таджикистан: вопросы теории и практики [Текст] / М.К. Хакимов // Вестник РТСУ. – 2016. – №1 (52). – С. 26-29; ISSN 2077-8325.

2. Хакимов, М.К. Система обеспечения национальной безопасности в Республике Таджикистан [Текст] / М.К. Хакимов // Законодательство (научно-аналитический журнал). – 2019. – №2 (34). – С. 109-114; ISSN 2410-2903.

3. Хакимов, М.К. Конституция Республики Таджикистан-гарант обеспечения национальной безопасности Таджикистан [Текст] / М.К. Хакимов // Вестник Таджикского национального университета. – 2019. – №8.– С. 215-219; ISSN 2413-5151.

4. Хакимов, М.К. Конституционно-правовые нормы по обеспечению национальной безопасности Таджикистана [Текст] / М.К. Хакимов //

Академический юридический журнал. – 2019. – №2 (30). – С. 188-193; ISSN 1819-0928.

5. Хакимов, М.К. Законодательные и доктринальные основы государственной охраны национальных интересов Республики Таджикистан [Текст] / М.К. Хакимов // Академический юридический журнал. – 2019. – №4 (32). – С. 182-197; ISSN 1819-0928.

6. Ҳакимов, М.Қ. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафили амнияти миллии Тоҷикистон [Матн] / М.Қ. Ҳакимов // Законодательство (научно-аналитический журнал). – 2019. – №4 (36). – С. 33-36; ISSN 2410-2903.

7. Элназаров, Д.Х., Ҳакимов, М.Қ. Мафҳум, вазифаҳо ва принсипҳои фаъолияти механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллӣ [Матн] / Д.Х. Эльназаров, М.Қ. Ҳакимов // Законодательство (научно-аналитический журнал). – 2021. – №3 (43). – С. 28-39; ISSN 2410-2903.

8. Элназаров, Д.Х., Ҳакимов, М.Қ. Таҳдидҳои институтсионалӣ ба амнияти Тоҷикистон [Матн] / Д.Х. Элназаров, М.Қ. Ҳакимов // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2021. – №4 (40). – С. 9-16; ISSN 2305-0535.

9. Эльназаров, Д.Х., Хакимов, М.К. Роль Лидера нации в укреплении национальной государственности – развитие точных наук для прогресса и безопасности таджикистана [Текст] / Д.Х. Эльназаров, М.К. Хакимов // Вестник Таджикского национального университета. – 2023. – №7. – С. 238-246; ISSN 2413-5151.

10. Хакимов, М.К. Международный терроризм как угроза национальной безопасности [Текст] / М.К. Хакимов // Сборник материалов круглого стола «Религиозный экстремизм в Республике Таджикистане: проблемы теории, законодательства и практики» (РТСУ, 20 ноября 2015). – Душанбе, 2015. – С. 306-312.

11. Алимов, С.Ю. и Хакимов, М.К. Понятие и особенности национальной безопасности Российской Федерации в современных условиях: теория и практика [Текст] / С.Ю. Алимов и М.К. Хакимов // Правовое обеспечение национальной и региональной безопасности Республики Таджикистан и Российской Федерации в современных условиях: проблемы и переспективы (РТСУ). – Душанбе, 2017. – С. 23-27.

12. Хакимов, М.К. Актуальные проблемы национальной и региональной безопасности в Российской Федерации на современном этапе [Текст] / М.К. Хакимов // Развитие юридической науки в современных условиях: VI Международная научно-практическая конференция (РТСУ, 31 октября 2018). – Душанбе, 2018. – С. 379-382.

13. Ҳакимов, М.Қ., Конститутсия сарчашмаи иқболу озодӣ [Матн] / М.Қ. Ҳакимов // Рӯзномаи Адабиёт ва санъат. – аз 31 октябр 2019. – №44. – С. 10.

14. Хакимов, М.К. Обеспечение безопасности туристов в Республике Таджикистан: исторические и правовые аспекты [Текст] / М.К. Хакимов // Материалы круглого стола «Актуальные проблемы и потенциальные возможности оздоровительного туризма Таджикистана» (РТСУ, 18 марта 2020). – Душанбе, 2020. – С. 54-61.

15. Кравченко, О.В., Хакимов, М.К. Обеспечение национальной и региональной безопасности в Таджикистане [Текст] / О.В. Кравченко, М.К. Хакимов // Теоретические аспекты юриспруденции и вопросы правоприменения: сборник статей по материалам XLIII Международной научно-практической конференции «Теоретические аспекты юриспруденции и вопросы правоприменения». – М.: Интернаука, 2021. – №1 (43). – С. 69-80.

16. Хакимов, М.К. Механизмы конституционного принципа по обеспечению национального безопасности в Республики Таджикистан [Текст] / М.К. Хакимов // Материалы Международной научно-практической конференции «Фундаметальные и прикладные научные исследования: Инноватика в современном мире». – г.Уфа, 25 ноября 2022. – Част 2. – С. 66-67.

17. Хакимов, М.К. Конституционные нормы и анализ соответствия нормативных – правовых актов Республики Таджикистана международным правовым актам в сфере международного туризма [Текст] / М.К. Хакимов // Материалы Республиканской – научно практической конфренции (РТСУ, 26 мая 2023). – Душанбе, 2023. – С. 248-259.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Сангинзод Д.Ш.** – Муовини ректор оид ба корҳои илми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Соҳибзода М.** – Муовини якуми директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

**Соибов З.М.** – Дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Мухторзода К.Т.** – Мудири кафедраи ҳуқуқшиносии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан ба масъалаҳои мубоҳисавии диссертатсия, аз ҷумла, оид ба мафҳумҳои амнияти конститутсионӣ ва амнияти сохти конститутсионӣ, амнияти қонунгузории кишвар, таснифи асосҳои институтсионалии механизми таъмини амнияти миллии ҶТ аз ҳисоби институтҳои давлатии дараҷаи олӣ, муқоисаи инкишофи конститутсионии ҶТ бо дигар давлатҳо, таваҷҷуҳи кам додан ба санадҳои банақшагирии стратегӣ вобаста ба масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ, кам истифода шудани асарҳои олимони ватанӣ дар рисола ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро фаро мегиранд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйироту иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷрои таҳқиқоти илмӣ:**

– таҳаввулоти институти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар ҷанбаи муқовимат ба таҳдидҳои амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пурра ва ҳаматарафа омӯхтааст;

– нақши институти ҳуқуқӣ-конститутсиониро дар шароити воқеияти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз омилҳои муҳимтарини таъмини амнияти миллӣ муайян намудааст;

– тафсири пуриқтидори мафҳуми «институти ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ», ки мундариҷаи он механизмҳо, принсипҳо ва методологияро муайян мекунад, таҳия намудааст;

– унсурҳои низоми институти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ вобаста ба соҳаи таъмини амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил назариявӣ-ҳуқуқӣ қарор додааст;

– хусусиятҳои функсионалии институти ҳуқуқӣ-конститутсиониро вобаста ба масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ, дар асоси омилҳои беруна ва дохилӣ муайян намудааст;

– тамоюлҳои асосии такмили амалияи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар қисми амнияти миллиро таҳлил намуда, оид ба навсозии институти ҳуқуқии баррасишаванда пешгӯиҳои ҷолиби воқеӣ намудааст;

– заминаҳои ҳуқуқии такмили қонунгузории ватаниро дар заминаи ҳифзи амнияти миллии ҷумҳурӣ, муайян намудааст;

– оид ба қабули қонуни намунавии конститутсионӣ, ки амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд пешниҳодҳо намуда, тавсияҳои амалӣ, ки фаъолияти ҳуқуқӣ-конститутсиониро оид ба таъмини амнияти миллӣ самаранок мегардонанд, таҳия карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** муқаррарот ва хулосаҳои дар он таҳияшуда як қатор институтҳои ҳуқуқии соҳаи ҳуқуқи конститутсиониро таҳия ва пурра мекунанд. Муқаррарот ва хулосаҳои дар рисола таҳияшуда бахшҳои дахлдори назарияи умумии ҳуқуқро таҳия ва пурра карда, метавонанд барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ истифода шаванд, инчунин барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳуқуқсозӣ ва татбиқи ҳуқуқии мақомоти худидоракунии шаҳракҳову деҳот ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ, мусоидат намоянд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба монанди: усулҳои таърихӣ, системавӣ, муқоисавии ҳуқуқӣ,

таҳлили сохторӣ-функсионалӣ, оморӣ, методи таҳлили мантиқӣ ва ғ. истифода шудаанд.

Ҳамчунин, чанбаҳои алоҳидаи назариявии таҳқиқотро асарҳои бунёдии олимони намоёни Тоҷикистон ва Россия, аз он ҷумла, корҳои илмии С.С. Алексеев, З. Ализода, С.Ю. Алимов, И.П. Антонов, И.Х. Афандихонов, А.Н. Бабенко, П.П. Баранов, С.А. Беличев, А.С. Бондарев, Г.А. Борисов, Н.А. Бур, Е.В. Бурлай, В.Л. Василев, А.Б. Венгеров, Б.С. Гадоев, А.М. Диноршоҳ, А.С. Евдокимов, М.И. Еникеев, В.И. Захартсев, С.Н. Зоидов, Ҷ.М. Зоир, Я.В. Зубов, С.И. Иброҳимов, С.И. Игонкина, И.А. Илин, А.И. Имомов, А. Имомов, В.А. Каламанов, Е.А. Капитонов, А.А. Кваши, С.А. Комаров, В.Н. Кудрявтсев, Ю.В. Кузнетсов, В.И. Курбанов, В.В. Лазарев, Е.А. Лукашев, А.В. Малко, В.Н. Мамах, М.А. Маҳмудов, Н.И. Матузов, М.М. Муллоев, Д.И. Насретдинов, Э.С. Насурдинов, В.С. Нерсесянс, Л.М. Нусратов, Г.А. Ожегов, Е.А. Певтсов, А.А. Пиров, С.А. Раҷабов, С.Б. Раҷабов, Ш.А. Раҷабов, Ҷ.Х. Раҷабов, А.Р. Ратинов, К.Р. Расулов, В.А. Рудковский, И.Ю. Салмин, В.П. Салников, П.С. Самигин, А.П. Семитко, И.В. Самошенко, В.М. Сапогов, Р.Ш. Сотиволдиев, А.М. Столяренко, М.А. Ткаченко, Ф.З. Тоҳиров, Ф.Н. Удичак, С.С. Фаттоев, Ш.С. Ҳамроев, А.И. Числов, Т.Ш. Шарипов, К.С. Шарипова, Ф.Р. Шарифзода, Д.Х. Элназаров ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** муқаррароти назариявии таҳқиқоти гузаронидашуда метавонанд ҳамчун маводи иловагии илмӣ дар раванди таълим ҳангоми омӯзиши курсҳои «Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳуқуқи байналмилалӣ», «Ҳуқуқи маъмурӣ», «Ҳуқуқи ҷиноятӣ» ва ғайра истифода намуд. Муқаррароти асосии таҳқиқот метавонанд ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ барои донишҷӯён, инчунин барои баланд бардоштани ихтисоси хизматчиёни давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти ҷамъиятӣ мусоидат карда метавонад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** ба хусусияти таҳқиқот дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ вобаста мебошад, ҷанбаҳои асосии ин тадқиқот бо таҳқиқоти ҳамаҷониба тасдиқ карда шуда, асосҳои назариявӣ ва амалии амнияти миллӣ дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ таҳия гардида, инчунин тавсияҳои амалӣ барои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар сохторҳое, ки салоҳияти онҳо бо таъмини тартиботи давлатӣ ва ҷамъиятӣ алоқаманд аст, таҳия карда шудаанд. Дар бораи дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ, инчунин пешниҳодҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ ва гузаронидани таҳлили муқоисавии санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ бо дарназардошти ислоҳоти муасири ҳуқуқии давлатдории тоҷикон ба даст оварда шудаанд, шаҳодат медиҳанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** бо он муайян карда мешавад, ки дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти маҷмуӣ муаллиф дар соҳаи ба даст овардани натиҷаҳои назариявӣ ва амалии боэътимод бо

назардошти аҳаммияти амалии онҳо дар соҳаи фаъолияти субъектҳое, ки ваколатҳои онҳо бо таъмини амнияти давлатӣ алоқаманданд, мустақилият нишон додааст. Кӯшиши муаллиф дар таҳияи дастгоҳи мафҳуми аз рӯйи ин таҳқиқот сазовори таваҷҷуҳи махсус аст ва метавонад дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои дахлдор, ки дар таъмини амнияти давлат иштирок мекунанд, тавсия дода шавад. Албатта, натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти ҳуқуқсозии мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар соҳаи таъмини тартиботи давлатӣ ва ҷамъиятӣ аввал муфид ва зарур хоҳанд буд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 27 январи соли 2024 қарор қабул карда шуд, ки ба Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқ гардидааст 12 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 12 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – 12 нафар, муқобил – нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т.Ш.**

**И.в. котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**27-уми январи соли 2024**